# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои таърих (07.00.15- таърихи муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати берунӣ), профессор Латифов Ҷ.Л. (раиси комиссия), доктори илмҳои таърих (07.00.15- таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ), профессор Собирова Қ.Д. (аъзо) ва доктори илмҳои сиёсӣ Муродова Н.С. (23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ) (аъзо) диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, хулосаи хешро ба тариқи зайл манзур менамояд.

1. Диссертатсия ба таҳқиқи яке аз масоили муҳимми таҳлил ва мушаххассозии хатарҳои иттилоотӣ дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳ ва паёмадҳои таъсири онҳо ба фазои иттилоотии давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки ба марҳилаҳои ҳамкориҳо таърихии кишварҳоро фаро гирифтааст дарабар мегирад. Диссертант тавонистааст, ки тавассути далелҳои муътамади илмӣ муҳиммияти мавзуи таҳқиқотиро исбот намояд. Муалллифи рисола дар раванди таҳқиқиқоти худ пешниҳоди роҳҳои омӯзиш ва таҳлили хатарҳои иттилоотӣ дар дар ибтидои асри XXI, инчунин дар шароити афзоиш ва густариши таҳдидҳои иттилоотии ҷаҳонӣ ва дар робита ба ин, тавсеаи ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ дар самти муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ дар бахшҳои техникӣ ва сиёсӣ инъикос ёфта, имконият ва роҳҳои рушди низоми амнияти иттилоотиро нишон додааст.

Диссертатсия нишондиҳандаи он аст, ки муҳаққиқ барои ҳалли масоили дар пеш гузоштаи худ саъю талошҳои зиёд намуда, маводи мавҷуда ва дастрасро дар ин самт ҷиддан мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Вазифаҳо, ҳадафҳои таҳқиқот ва нуктаҳои асосие, ки муҳаққиқ онҳоро барои ҳимоя пешниҳод намудааст, возеҳ, рӯшан ва мушаххас мебошанд. Қабл аз ҳама ҳамин нуктаро бояд таъкид кард, ки дар кишвари мо чунин рисолаҳо бори

аввал тахия гардида, проблемаҳои вобаста ба «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар муқаддима муаллиф аҳаммияти мавзуи рисолаи диссертатсионӣ, сатҳи омӯзиши мавзуъ, ҳадафи таҳқиқ, объект, предмет, асосҳои назариявии таҳқиқот, нуктаҳои меҳварие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, сохтор ва тавсифи умумии кори таҳқиқотиро рӯшану возеҳ ёдовар шудааст, ки аъзои комиссия ба мазмуну муҳтавои онҳо комилан мувофиқ ҳастанд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро тариқи сохтори дуруст таҳия намуда, объект ва предмети таҳқиқро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар асоси навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ - таърихият онҳоро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи пешниҳодшуда ба ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих), ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тодикистон аз 1-уми феврали соли 2022, №38 шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мувофиқ, мебошад. Ҳамчунин, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017 таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳои муаллиф дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6-тои он дар маҷаллаҳои таҷризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 тахта №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

5. Дар диссертатсияи Фозилов К.Ҷ. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровaрда шудаанд, ки мувофиқ ба меъёрҳои муқарраргардида нисбат ба корҳои илмӣ ва аз риоя шудани банди 37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳанд.

6. Дар диссертатсия ва ҳуҷҷатҳои дигари пешниҳоднамудаи Фозилов К.Ҷ. маълумоти ғайрисаҳеҳ ба назар намерасад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих), ки ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотияшон ва мақолаҳои таълифкардаашон барои дарёфти дараҷаи илмии аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Комилова Хосият Ғуфроновна - доктори илмҳои таърих, профессор, сардори раёсати илм, инноватсия, робитаҳои байналмилалӣ ва табъу нашри филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

-Раҳмонзода Азимҷон Шералӣ- номзади илмҳои таърих, ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад;

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо хуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои таърих, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Латифов Ҷ.Л.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои таърих, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Собирова Қ.Д.

доктори илмҳои сиёсӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Муродова Н.С.

02.09.2025